**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, д.и.т., профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
«____» ____________ соли 2023

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсия Умедҷони Лоиқшо дар мавзуи **«Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Умедҷони Лоиқшо** соли 2010 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун ассистенти кафедраи забони тоҷикии умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оғоз намудааст. Аз соли 2012 то ин дам дар вазифаҳои гуногун дар Донишгоҳ кору фаъолият кардааст. Аз соли 2017 инҷониб унвонҷӯи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ буда, ба сифати муҳаққиқ рисолаи илмии худро ба анҷом расонидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ – Умедҷони Лоиқшо номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи забонҳои бостон ва Ориёии Институти забон ва адабиёт ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Мирбобоев Азизхон** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз 31.01.2019, қарори №6/6.5. тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертант Умедҷони Лоиқшо 29-уми июни соли 2023, таҳти №04/159 дар мавриди супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Омӯзиши осори адибон имконият медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик ба мақоми калима дар таркиби ҷумла, хусусиятҳои савтӣ, рушди маъно ва имкониятҳои морфологию калимасозии он баҳои ҳаққонӣ дода шавад. Баррасии масъалаи истифодаи диалектизмҳо дар осори мансури адибони тоҷик барои инкишофи нутқи адабӣ ва адабии гуфтугӯйии ҷомеа, дарки матлаб, баёни кӯтоҳу муҷъаз, ҳозирҷавобӣ, беҳтар гардидани маданияти гуфтори одамони синну соли гуногун мусоидат менамояд. Диалектизмҳо, анвои онҳо, омилҳои роҳ ёфтанашон ба забони асари бадеӣ, мақсадҳои услубию фардии адибон дар офаридани образҳои гуногун ва ҳодисаҳои мухталиф, нишон додани муколамаи байни персонажҳоро дар заминаи маводи

асарҳои насрии адиби шинохтаи тоҷик - Сорбон, ки интихобу истеъмоли калимаҳои лаҳҷавии осори ӯ дар робита ба инъикоси ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун дар ин ё он маҳалли ҷуғрофӣ, ки ба ҳудуди интишори шеваю лаҳҷаҳои забонамон – шеваи шимолӣ, лаҳҷаҳои гузаранда ва шеваи ҷанубӣ мувофиқ меоянд, **амри зарурӣ мебошад,** диссертант ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Умедҷони Лоиқшо ба яке аз масъалаҳои таҳқиқнашудаи забоншиносӣ дар осори бадеии Сорбон – Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон **бахшида шудааст.**

Диссертант Умедҷони Лоиқшо дар асоси маводи фаровони забонӣ, ки асосан аз осори бадеии адиби муосири тоҷик ҷамоварӣ намудааст, масъалаҳои илмии марбут ба диалектизмҳои забони тоҷикиро бар пояи осори Нависандаи халқии Тоҷикистон Сорбон таҳқиқ намудааст. Омӯзишу таҳқиқи диалектизмҳо, таркиби луғавии ҷузъҳои онҳо, алоқамандии луғоти диалектӣ бо гунаҳо (вариантҳо), муродифот ва мутазодҳои адабӣ муайян карда мешавад. Хулосаҳое, ки зимни таҳқиқот муҳаққиқ пешниҳод менамояд, бешубҳа, **аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд.**

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқе, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ** нишон дода шудааст, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи қавии илмӣ доранд.

**Мақсади асосии таҳқиқро** диссертант барои муайян намудани хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории диалектизмҳо, таркиби лексикии ҷузъҳои дохили онҳо, алоқамандии диалектизмҳо бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои гуфтори адабӣ меҳисобад. Барои расидан ба ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- ҷамъоварию гурӯҳбандии диалектизмҳои осори мансури Сорбон дар давраи Истиқлол ва таҳлили луғавию маънои онҳо;
- нишон додани мафҳуми диалектизм ҳамчун объекти тадқиқи илми забоншиносӣ – хосса бахши услубшиносии он, оростани баҳси илмӣ пиромуни анвои диалектизмҳо ва дар забони асари бадеӣ хусусиятҳои услубӣ зоҳир кардани онҳо;
- таҳқиқи омилҳо ва зарурати истифодаи диалектизмҳо дар забони осори мансури замони Истиқлол;
- муайян намудани мансубияти диалектизмҳо ба лаҳҷаҳои тоҷикӣ ва доираи интишори онҳо;
- инъикоси истифодаи диалектизмҳо чун воситаи тасвири бадеӣ дар забони осори Сорбон;
- нақши навъҳои гуногуни диалектизмҳо, мақому мавриди истеъмоли онҳо ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар офаридани образҳои мусбат ва манфӣ;
- таҳқиқи вижагиҳои диалектизмҳое, ки тавассути онҳо тобишҳои эҳсосӣ, таъсирбахшӣ, ҳусну қубҳи гуфтор, калимаҳои лаҳҷавии доираи истифодаашон васеъ ва маҳдуд бо нишон додани аломатҳои савтӣ, луғавию маъноӣ, калимасозию морфологӣ дар мисоли маводи осори Сорбон;
- нишон додани хусусиятҳои барҷастаи корбурди диалектизмҳо, ки қобили умумишавианд ва баръакс, истеъмоли ноҷо ва ифроти унсурҳои лаҳҷавӣ, ки боиси коста гардидани забони асар мегардад, зеро нависанда

асари бадеиро барои хонандагони минтақаи муайян не, балки барои кулли хонандаи тоҷик новобаста аз мансубияти маҳаллию шевагиаш менависад.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаи таҳқиқ** диалектизмҳои осори дар замони истиқлолият (пас аз соли 1991) ба табърасонидаи Сорбон («Росу» (2010), «Барзгар» (2014), «Шаҳрбону» (2015), «Зуза» (2016), «Ҷугӣ» (нашри дуюм, 2018) ва маҷмуаи ҳикояҳо «Мағзреза» (2013)) ташкил намудааст.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмию назариявии олимони забоншиноси шинохтаи ватанию хориҷӣ фаровон истифода намудааст.

**Асосҳои назарявӣ ва методологии диссертатсияро** асарҳои бунёдии забоншиносони ватанию хориҷӣ ба мисли В.В. Виноградов, Ф.П. Филин, Д.Н.Шмелёв, Г.О. Винокур, Е.М. Шанский, А.В. Калинин, О.С. Ахманова, О.Б.Сиротина, А.М. Ефимов, А.Л. Брагина, В.Н. Прохорова, А.И. Фомина, В.С. Расторгуева, инчунин тадқиқоти муҳаққиқони тоҷик: Н. Маъсумӣ, Р. Ғаффоров, Б.Камолиддинов, Ҳ. Маҷидов, Ш. Исмоилов, Ғ. Ҷӯраев, С. Раҳматуллозода, Н.Гадоев ва олимони дигар ташкил додааст.

**Навгонии илмии таҳқиқи диссертатсионӣ** қабл аз ҳама, дар он инъикос меёбад, ки ба сифати мавзуъ ва масъалаи илмӣ дар забоншиносии тоҷик бори аввал ба таври нисбатан мукаммал маводи марбут ба масъалаи як қабати луғавии забон – диалектизмҳо дар осори адиби шинохтаи тоҷик Сорбон, ки дар осори он унсурҳои луғавии гӯйишҳои шимолӣ, лаҳҷаҳои гузарандаи водии Ҳисор, шеваи ҷанубӣ бо мақсадҳои гуногун дарҷ ёфтаанд, аз ҷониби муҳаққиқ муайян гардидааст.

Диссертатсияи номзадии Умедҷони Лоиқшо аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариявӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки тавсияҳои амалии диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ оид ба лексикология ва фразеология, тартиб додани васоити таълимӣ доир ба низоми диалектизмҳои забони тоҷикӣ, зимни баргузории курсҳо ва семинарҳои тахассусӣ ва машғулиятҳои амалӣ доир ба лексикология ва фразеология дар муассисаҳои таҳсилоти олию миёнаи махсус ва ҳамчунин, ҳангоми таҳияи луғатҳои тафсирию тарҷумаҳои луғатшиносиву шевашиносӣ ба таври густурда истифода кард.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи унвонҷӯ Умедҷони Лоиқшо дар 9 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар маҷмуаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мақолаҳои банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд. Рӯйхати мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ чунин аст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои бақайдгирифташудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М]**. Раҳмонов Б.Н., Умедҷони Л. Ифодаи мафҳуми ҷинсият дар забони тоҷикӣ (дар мисоли феъл ва исм). [Матн] / Б.Н. Раҳмонов, Л. Умедҷон // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2019, №2 (74). – С.47-56. ISSN 2308-7420

**[2-М]**. Умедҷони Л. Луғати гуфтугӯйӣ ва калимаҳои шевагӣ дар романи «Росу»-и Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020, №5 (88). – С.54-57. ISSN 2219-5408

**[3-М]**. Умедҷони Л. Диалектизмҳои луғавӣ дар романи «Талош»-и Шохмузаффар Ёдгорӣ. [Матн] / Л. Умедҷони // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022, №6-1 (101). – С.144-148. ISSN 2219-5408

**[4-М]**. Умедҷони Л. Таҳлили диалектизмҳои лексикии фарохистеъмол дар осори Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2023, №3 (87). – С.51-57. ISSN 2308-7420

**[5-М]**. Умедҷони Л. Баррасии диалектизмҳои сифатӣ дар осори Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023, №4 (52). – С.122-127. ISSN 2226-9355

**[6-М]**. Мирбобоев А., Умедҷони Л. Хусусиятҳои вижаи диалектизмҳои фонетикӣ дар осори Сорбон. [Матн] / А. Мирбобоев, Л. Умедҷони // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023, №5 (106). – С.102-107. ISSN 2219-5408

**II. Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ интишор гардидаанд:**

**[7-М]**. Умедҷони Л. Диалектизмҳои луғавии маҳдудистеъмол дар осори давраи истиқлолиятии Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон // (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи «Истиқлоли давлатӣ ва рушди забони модарӣ»). – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2022. – С.75-81.

**[8-М]**. Умедҷони Л. Диалектизмҳои луғавӣ дар осори давраи истиқлолиятии Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон // Маҷаллаи илмии «Масъалаҳои забоншиносӣ». – Душанбе, 2022, №2 (2). – С.104-115.

**[9-М]**. Умедҷони Л. Диалектизмҳои ифодагари номи хӯрокҳо ва маҳсулоти ғизоӣ дар осори Сорбон. [Матн] / Л. Умедҷон (Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ (21-уми феврал) дар мавзуи «Рушди забони модарӣ дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон») // Маҷаллаи илмии «Масъалаҳои забоншиносӣ». – Душанбе, 2023, №1 (3). – С.77-79.

Мавзуи таҳқиқшаванда ба самти таҳқиқи илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ робитаи бевосита дошта, барои равшан гардидани вазъи забони адабии тоҷик, махсусан таҳқиқу баррасии лингвистии диалектизмҳо дар забоншиносии тоҷик такя ба осори Сорбон мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқиқи**

мавзуъ метавонад, барои навиштани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба забоншиносӣ ва омӯзиши забони тоҷикӣ хизмат намояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки бори аввал дар заминаи омӯзишу таҳлили асарҳои назарявии донишмандони ватанию хориҷӣ асосҳои назариявию амалии мавзуи таҳқиқи диссертатсиониро мушаххас намуда, маводи осори таҳқиқшавандаро дар заминаи усулҳои муосири забоншиносӣ баррасӣ намудааст.

Кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филолгияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ диссертатсияи унвонҷӯ Умедҷони Лоиқшоро дар мавзуи «Баррасии лингвистии диалектизмҳо дар осори Сорбон» кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯст. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок дошт: 12 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор - 12 нафар. Зид - нест. Бетараф - нест. Суратҷаласаи №3, аз 26.10.2023.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ — Қурбонов Маҷид Абдулҳамидович

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи
назария ва амалияи забоншиносӣ — Юсупов Шоҳин Рҳимбердиевич

Имзоҳои М.А. Қурбонов ва
Ш.Р. Юсуповро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj